Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-045
назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров»
суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков 1

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи: «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)», барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт**

Дар ҷаҳони муосир соҳаи сайёҳӣ дар рушди ҷомеа нақши муассир дошта, инфрасохтори он тавассути бозгӯӣ намудани ғояҳои назариявии ташаккул, нақши инфрасохторӣ, низоми муносибатҳои муосири хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои хоси инфрасохтори маҳаллӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ амалӣ мегардад. Тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, сайёҳӣ дар арсаи байналмилалӣ яке аз соҳаҳои сердаромад, манбаи ғанӣ гардонидани буҷаи давлат ва омили муҳими беҳтар гардидани шароити зиндагии мардум маҳсуб мeёбад. Таъсири рушди устувори сайёҳӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, мамлакатҳои алоҳида ва ба минтақаҳо яке аз тамоюлҳои аҳамиятнок ва доимӣ буда, воситаи хуби инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Сайёҳиро ҳамчун соҳаи мустақили иқтисодиёти миллӣ барои рушди иқтисодиёти ҳар як кишвар роҳандозӣ намудан мумкин аст. Фаъолияти бахши сайёҳӣ, ки дорои пойгоҳи ғании моддист, дар бисёр кишварҳо ба вуҷуд омада, бо низом рушд меёбад ва барои миллионҳо одамон ҷойи корӣ эҳё карда, бо тамоми соҳаҳои хоҷагӣ ҳамкорӣ мекунад, ки ин дар бораи мубрамияти тадқиқот гувоҳӣ медиҳад.

Дар автореферат аҳаммияти назариявии кор дар рушди минбаъдаи назарияи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди комплекси сайёҳӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи оптималӣ гардонидани динамикӣ, таҳлили фракталӣ дар ташаккул ва пешниҳоди як

қатор хизматрасонӣ дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ, тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ барои рушди маҷмааи сайёҳӣ зоҳир мешавад.

Дар баробари ҷиятҳои мусбӣ дар автореферат, беъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ҷой доранд:

1. Дар автореферат маълумотҳои оморӣ дар соҳаи сайёхи оварда нашудааст. Автореферат аз пешниҳоди маълумотҳои оморӣ барои фаҳмидани ҳолати соҳаи сайёҳи бурд мекард.
2. Тавсифи математикии гузориши масаълаи рушди маҷмааи сайёҳӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ ва тақсимоти он оварда шудааст, лекин дар амал кадом натиҷаро нишон медиҳанд дар автореферат оварда нашудааст.

Камбудии қайдшуда арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш надода, хусусияти тавсиявӣ доранд.

Автореферати пешниҳодшуда дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ иҷро шуда ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф он сазовори дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мебошад.

**Профессори кафедраи идораи давлатӣ ва**
**иқтисоди миллии Академияи идоракунии**
**давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**д.и.и., профессор** **Набиев Т.Т.**

Имзои Набиев Т.Т.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кучаи Саид Носир,33